# КИТОБИ ДАРСӢ МЕЪЁР ВА НИШОНДОДҲО

1. Китоби дарсӣ мақсад ва вазифаҳои муассисаи таълимиро инъикос мекунад ё не.

2. Мазмуни китоби дарсӣ стандарти давлатии таҳсилотро ифода мекунад ё не.

3. Китоби дарсӣ ҷузъиёти зеринро: маълумотдиҳанда, рушддиҳандаи зеҳн, донишдиҳанда, ташаккулдиҳандаи малака, маҳорат, маънавиёт, таҷрибаомӯзи фаъолияти эҷодӣ, воситаи таъсиррасон ба қобилияти эҳсос ва таъбу завқи хонанда ва татбиқнамои донишҳо доро аст ё не.

4. Китоби дарсӣ ҳуқуқи конститутсионии хонандаро дар андӯхтани маълумоти босифат ва арзишнок кафолат медиҳад ё не.

5. Китоби дарсӣ ба мустаҳакам кардани робитаи илмӣ, маърифатӣ ҳамоҳанг карда шудааст ё не

6. Китоби дарсӣ арзишҳои стандарти байналмилалӣ ва давлатҳои муштаракулманофеъ (ИДМ) -ро ифода мекунад ё не.

7.Талаботи асосӣ ба китобҳои дарсӣ чунинанд:

- китоби дарсӣ ба стандарти фаннӣ, барнома ва нақшаи таълим мувофиқ аст ё не;
- дар китоби дарсӣ мантиқ ва сохтори бадеӣ-техникӣ риоя шудааст ё не шудааст ё не;
- дар китоби дарсӣ нишондоди бадеӣ – зебоӣ риоя шудааст ё не;
- дар китоби дарсӣ таъйинот ва мақсади нашр баён шудааст ё не;
- дар китоби дарсӣ нишондоди меҳнатшиносӣ (эргономикӣ) тавсиф шудааст ё не:
- китоби дарсӣ мақсади маърифатӣ, тарбиявӣ ва таълимиро доро аст ё не;
- дар китоби дарсӣ имкониятҳои даркнамоии синнусолии хонандагон ба инобат гирифта шудааст ё не;
- дар китоби дарсӣ талабот, ченакҳои дақиқи психологияи педагогӣ ва иҷтимоӣ, қонунҳои нейропсихологӣ, окулистика, ортопедиро ба инобат гирифта шудааст ё не;
- дар китоби дарсӣ қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ риоя шудааст ё не;
- мазмун, забони матн, машқу мисолҳо дар китобҳои дарсӣ чи гунаанд (сифр илмӣ астё муғлаqу душворфаҳм аст) ё дигар;
- методикаи таҳиянамоии китоби дарсӣ, назарияи китоби дарсӣ дар ҳампайвастагии илмҳои педагогика, психология, фанҳои базавӣ, зебоишиносӣ, китобшиносӣ, ( книговедение) аз ҷониби муаллифони китобҳои дарсӣ ба инобат гирифта шудааст ё не?;
- оё дар китоб эҳтиёҷоти хонанда ба эътибор гирифта шудааст ё не;
- дар китоб ба талаботи стандартонидашудаи фан ва мувофиқ кунонидани он ба синну соли хонанда, қобилият, талаботи санитарӣ-эпидемиологӣ, психологӣ ва ғайра эътибор дода шудааст ё не;
- огаҳии таҳиякунандагони китоб аз технологияи муосири таълим дар кадом сатҳ аст .

8. Китобҳои дарсӣ бояд маводеро дар бар гиранд, ки барои на бештар аз:

- 1 соли таҳсил барои синфи 1;
- 2 соли таҳсил барои синфҳои 2-6;

- 3 соли таҳсил барои синфҳои 7-11 пешниҳод шуда бошанд.

9. Китобҳои дарсӣ бояд андозаи зерин дошта бошанд:

- барои синфи 1-70x90/16, андозаҳои 75x90/16, 70x100/16, 70x108/16 низ метавонанд ба таври истисно мавриди истифода қарор гиранд;
- барои синфҳои 2- 4 - 70x90/16, инчунин 75x90/16 ва 70x108/16;
- барои синфҳои 5-11 - 60x90/16 ва 84x108/32 ва инчунин 60x84/16, 70x90/16 низ метавонанд ба таври истисно мавриди истифода қарор гиранд.

10. Ҷадвали ҳаҷми китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо дарназардошти миқдори саҳифа барои 1 соати дарсӣ ба таври зерин муайян шудааст.

| **Синф** | **Филология** | | | **Ҷамъият - шиносӣ** | **Матема - тика** | **Табиат - шиносӣ** | **Технология** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Забони тоҷикӣ** | **Адабиёт** | **Забони хориҷӣ** | | | | |
| 1 | 0,5-1 | - | - | - | 0,5-1 | - | 0,5-1 |
| 2 | 1 | - | - | - | 0,5-1 | - | 1 |
| 3 | 1-1,5 | - | 0,5 | - | 1 | - | 1-1,5 |
| 4 | 1,5-2 | - | 0,5-1 | - | 1-1,5 | 1 | 1-5,2 |
| 5 | 1,5-2 | 2-3 | 1 | 2-2,5 | 1,5 | 1-1,5 | 2 |
| 6 | 2 | 2-3 | 1-1,5 | 2,5-3 | 1,5 | 1-5,2 | 2,5 |
| 7 | 2-2,5 | 3- 4 | 1-5,2 | 3-3,5 | 1-5,2 | 1-5,2 | 2,5 |
| 8 | 2,5-3 | 3- 4 | 1-5,2 | 3,5- 4 | 1-5,2 | 1-5,2 | 2,5-3 |
| 9 | 3-3,5 | 4-5 | 1-5,2 | 4 | 1-5,2 | 2 | 2,5-3 |
| 10 | 3-3,5 | 4-5 | 2 | 4- 4,5 | 2 | 2-2,5 | 2,5-3 |
| 11 | 3-3,5 | 4-5 | 2 | 4-4,5 | 2 | 2-2,5 | |

**Эзоҳ:** Дар ҳар як боб ё фасл боз 0,3 саҳифа барои шарҳу эзоҳ, луғат, тест, машқу масалаҳо ва ғайра ба таври илова ҷудо карда мешавад.

Барои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ:

- барои як соати дарс аз фанҳои дақиқ ва забони хориҷӣ - 1-2 саҳифа;
- барои як соати дарс аз дигар фанҳо - 3 - 4 саҳифа.

Барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ:

- барои як соати дарс аз фанҳои дақиқ ва забони хориҷӣ - 2 - 3 саҳифа;
- барои як соати дарс аз дигар фанҳо - 4 - 6 саҳифа.

11. Талабот нисбати ҳуруфоти китоби дарсӣ барои синфҳо 1 - 4

| **Соли хониш** | **Андозаи ҳарф, кегел (на кам аз), пункти типографӣ, кегел - андозаи қарор** | **Зиёд кардани масофаи байни сатрҳо (на кам аз) пункти типографӣ** | **Дарозии сатр** | | | | **Шакли ҳуруфот (гарнитура)** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | **минималӣ** | | **максималӣ** | | |
| | | | **Квадрати типографӣ** | **мм** | **Квадрати типографӣ** | **мм** | |
| **Барои Алифбо** | 20 | 4 | | 126 | | 130 | |
| 1 | 16 | 2 | 61/2 | 117 | 9 1/4 | 167 | Гурӯҳи «рубленные» ва ё ин ки «малоконтраст - ные» |
| 2 | 14 | 2 | 6 | 108 | 8 1/2 | 153 | Гурӯҳи «рубленные» ва ё ин ки |

| | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | «малоконтраст - ные» |
| 3-4 | 12 | 2 | 41/2 | 81 | 7 3/4 | 140 | Гурӯҳи «рубленные» ва ё ин ки «малоконтраст - ные» |